# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Зокиров Иброҳим Исмоилович дар мавзуи "Истикрор ва рушди ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Хитой дар даврони истиқлолият (солҳои 1991-2021)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) пешниҳод шудааст.**

Автореферати диссертатсияи Зокиров Иброҳим Исмоилович дар мавзуи "Истикрор ва рушди ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Хитой дар даврони истиқлолият (солҳои 1991-2021)" ба яке аз масъалаҳои муҳими илми таърихи байналмилалишиносии кишвар бахшида шуда, муаллиф дар автореферат моҳияти бобу зербобҳои рисоларо ба таври мушаххас ва дақиқ бо як таҳлили назариявӣ ва амалӣ пешниҳод намудааст.

Мубрамии мавзуи автореферати диссертатсия дар асоси далелҳои таърихӣ, равандҳои муосир ва мавқеъгирии ҷуғрофии ду давлат нишон дода шуда, мавқеи калидии Ҷумҳурии Халқии Хитой дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикитон баҳогузори шудааст. Дар ин замина, бояд гуфт, ки Тоҷикистон ва Хитой манофеи умумии байналмилалӣ дошта, онҳо таъмини рушди устувор, таҳкими сулҳу субот, мубориза бо экстремизм ва терроризм дар сатҳи байналмилалӣ ва ғайраҳо ба ҳисоб мераванд.

Дар аввал, муаллиф давраҳои таърихии робитаҳои мутақобилаи халқҳои тоҷику хитоиро таҳлил намуда, дӯстии миёни халқҳои тоҷику хитойӣ – исботи ҳамешагии муносибатҳои дӯстонаи миёни ду кишвар мебошанд. Қайд намудан ба маврид аст, ки бо оғози давраи нав ҳамкориҳо ва дӯстӣ миёни халқҳои мо беист таҳким меёбанд. Инро мо дар ҳама ҳолат, сатҳ ва соҳаҳои алоқаҳои дуҷониба мушоҳида менамоем. Зиёда аз ин, ҳолати дӯстии амиқи дар сатҳи дуҷониба ба таври боэътимод дӯстии миёни Хитой ва Тоҷикистонро аз таъсири ҳар гуна омилҳои хориҷӣ, ноустувории ҳолати муносибатҳои ҳозира эмин нигоҳ медорад.

Дар идома, муаллиф дар автореферати диссертатсияи худ ба раванди истиқрор ва рушди робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикстон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой дар замони Истиқлоли давлатӣ таваҷҷуҳ намуда, марҳилаҳои асосии рушди ҳамкориҳои дуҷонибаи ду давлатро баррасӣ намудааст. Истиқлол ба халқи тоҷик дар баробари амалӣ гаштани ормонҳои ҳазорсола оид ба ташаккули давлатдории миллӣ имконияти роҳандозии равобити мутақобиларо бо кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ фароҳам овард. Баъд аз эъон кардани истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хитой яке аз аввалин кишварҳое буд, ки 4 январи соли 1992 бо Тоҷикистон муносибатҳои дипломатӣ барқарор намуд.

Дар марҳалаи аввали истиқлолият заминаи аҳдномавӣ-ҳуқуқии муносибатҳои сиёсӣ – дипломатӣ гузошта шуданд, ки асоси рушди ҳамкориҳои мутақобила гардиданд. Эътимоди мутақобила ва ҳусни тафоҳум заминаи баррасии масъалаҳои ҳалношудаи сарҳади давлатӣ ва ташкили комиссияҳои гуногун дар форматҳои мухталиф гардид, ки бо талоши якҷоя Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой онро соли 2002 ҳал намуда, дар ин замина, марҳила ба марҳила ҳамкориҳои шарикии стратегӣ миёни давлатҳо барқарор гардид.

Ҷанбаи муҳими автореферати диссертатсияи Зокиров Иброҳим Исмоилович таҳлили мухтасари нишондиҳандаҳои ҳамкории иқтисодиву тиҷоратии давлатҳо, баҳогузории сатҳи робитаҳои фарҳангӣ миёни ду кишвар, баррасии ҳамкориҳои мутақобилаи ҷонибҳо дар соҳаи илму маориф ташкил медиҳад. Ин ҳолат, нишонаи тавсеаи муносибатҳои байнидавлатии Тоҷикистону Хитой буда, эътимоду ҳамдигарфаҳмии давлатҳоро таҳким мебахшанд.

Дигар хусусияти автореферати диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки дар он сатҳи алоқамандии Тоҷикистон ва Хитой дар доираи ниҳодҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ баррасӣ шудааст. Муаллиф кушиш намудааст, ки фаъолияти мувофиқашудаи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикстон ва

Ҷумҳурии Халқии Хитойро дар доираи СҲШ ва СММ таҳлил намояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хитой дар қатори дигар давлатҳо ҳамчун муассисони СҲШ ба ҳисоб меравнад. Бояд гуфт, ки заминаи таъсиси СҲШ ҳалли мушкилиҳои сарҳадӣ ва таҳкими эътимод дар минтақаҳои наздисарҳадӣ гардида, дар натиҷа, “Панҷгонаи Шанхай” шакл гирифт. Дар охири солҳои 90-ум робитаҳои мутақобила миёни Тоҷикистону Хитой ва дигар давлатҳои аъзо маҳз дар доираи “Панҷгонаи Шанхай” инкишоф ёфта, заминаҳои усутвор ҷиҳати табдили он ба СҲШ дар ибтидои асри XXI гузошта шуд.

Инчунин, Тоҷикистон аз тарафи худ, аз рӯзҳои аввали истиқлолият ва барқарории муносибатҳои дипломатӣ мавқеи Хитойро нисбат ба масъалаи Тайван, аз он ҷумла, дар доираи СММ дастгирӣ менамояд. 13 сентябри соли 2005 сафири Тоҷикистон дар СММ бо баёнияе баромад намуд, ки дар он мавқеи усулии Тоҷикистон ҷиҳати дастгирии мустақилият ва тамомияти арзии Хитой, вазъи байналмилалӣ-ҳуқуқии он, ки дар Оинномаи СММ инъикос ёфтааст, зикр гардидааст.

Сохтори автореферати диссертатсияи Зокиров Иброҳим Исмоилович дар мавзуи “Истикрор ва рушди ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Хитой дар даврони истиқлолият (солҳои 1991-2021)” аз сарсаҳифа, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиот, шарҳи қисматҳои асосии диссертатсия, хулоса, рӯйхати интишороти муаллиф, рӯйхати адабиёт ва сарчашмаҳои истифодашуда, шарҳи мухтасар (аннататсия) иборат аст. Автореферати диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таҳия шудааст. Шарҳи мухтасар (аннататсия)-и автореферат бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ пешниҳод шудааст.

Инчунин, дар автореферати диссертатсия талаботҳои қайди муқаддима риоя гардидааст. Дар баробар ин, дар автореферат талаботи техникӣ ва имлоии қайди иқтисбосҳо ва адабиёти истифодашуда низ дуруст ба роҳ монда шудааст.

Бояд гуфт, ки чунин сохторбандии автореферати диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботи оинномавии шурои диссертатсионии 6D.КОА-024-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари ин, тавсия мегардад, ки дар рӯйхати адабиёт, банди алоҳидаи таълимофи муаллифони хитоӣ ҷудо мегардид, ки ба дараҷаи омӯзши мавзуъ таъсири мусбат мерасонид.

Дар умум, автореферати диссертатсияи Зокиров Иброҳим Исмоилович дар мавзуи "Истиқрор ва рушди ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Хитой дар даврони истиқлолият (солҳои 1991-2021)" кори пурра анҷомёфта буда, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) мбошад.

Муқарриз: номзади илмҳои
таърих, дотсенти кафедраи таърихи
умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии
ДДОТ ба номи С. Айнӣ, Наҷмуддинзода Толибшоҳ Ашур

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121,
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ
тел.: + 992 982830505; E-mail:tolib.t@mail.ru

Имзоҳои номзади илмҳои таърих,
дотсент Наҷмуддинзода Толибшоҳ
Ашурро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ Қодирзода Сайвалӣ

"08" 10 соли 2025